## ҚАРЗИ БОНКӢ ЧИСТ?

**ҚАРЗ** (аз калимаи лотинӣ – credere – гирифта шуда, маънояш боварӣ, боварӣ кардан мебошад) – ин маблағи пулиест, ки ташкилотҳои қарзӣ (ТҚ), ташкилотҳои молиявии хурд (ТМХ) истифода бурдани онро ба аҳолӣ ва ташкилотҳо барои муҳлати муайян (моҳона, семоҳа, солона ва аз ин зиёд) бовар карда месупоранд.

**ФОИЗ** – ҳаққи хизмат барои истифодаи қарз мебошад. Фоиз моҳона ва солона мешавад, вале аксаран дар шартномаҳо фоизи солона (%) нишон дода мешавад.

Ҳамарӯза ҳазорҳо нафар барои пешбурди тиҷорати хеш ва ё дигар зарурати инфиродӣ аз ташкилотҳои қарзӣ маблағи пулӣ мегиранд. Маъмултарин шакли дастрас намудани маблағ барои фаъолияти тиҷоратӣ қарзи бонкӣ ба ҳисоб меравад.

**ДАР ХОТИР ДОРЕД!**

Қарзгиранда барои дар вақти муайяншуда баргардонидани маблағи қарзи асосӣ (маблағе, ки аз ташкилоти қарзӣ гирифта шудааст) ва фоизи он дар назди ташкилоти қарзӣ ӯҳдадорӣ дорад. Ин нукта дар шартномаи қарзӣ дарҷ гардидааст.

## ШАРТНОМАИ ҚАРЗӢ ЧИСТ?

Шартномаи қарзӣ - ҳуҷҷати асосии муомила байни ташкилоти қарзӣ ва муштарӣ ба ҳисоб меравад.

Муносибатҳои ташкилоти қарзӣ бо муштарӣ оид ба додани қарз ва баргардонидани он тибқи шартнома танзим карда шуда, шартҳои додани қарз, аз ҷумлаи маблағ, мӯҳлат, намуди асъор, меъёри фоиз, шакли қарз, манбаҳои пӯшонидани он, тартиби пардохт ва дигар паҳлуҳои шартномаи қарзӣ ҳангоми тартиб додани он нишон дода мешаванд. Аз ин лиҳоз, барои имзо гузоштан дар ҳуҷҷатҳо шитоб накунед. Пеш аз имзо намудани шартномаи қарзӣ онро бодиққат хонед. Барои ин аз рӯи имкон нусхаи шартномаи қарзиро бо худ гирифта, тамоми шартҳо ва ӯҳдадориҳои онро бодиққат омӯзед ва ё барои маслиҳат ба ширкатҳои ҳуқуқӣ муроҷиат намоед.

Бо хоҳиши муштарӣ шартномаи қарзӣ бо забони давлатӣ ва ё дигар забон тартиб дода мешавад (ҳуқуқи интихоби забон ба муштарӣ вогузор карда мешавад). Матни шартномаи қарзӣ бояд содда ва фаҳмо бошад.

Баъди бодиққат омӯхтани шартномаи қарзӣ, бори дигар тарафҳои мусбат ва манфии гирифтани қарзро фикр карда бароед.



**Дар шартномаи қарзӣ маълумотҳои зерин бояд зикр шаванд:**

• номгӯи тарафҳо;
• мавзӯи шартнома;
• мӯҳлати амали шартнома;
• шартҳои асосии шартнома (маблағ, мӯҳлати пардохт, меъёри фоизӣ ва намуди гарав);
• таъиноти мақсадноки қарз;
• ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо;
• шартҳои дар ҳолати ба таърихи бюрои қарз ворид гардидани маълумот оиди муштарӣ;
• шартҳо ҳангоми расидани ҳолатҳои форс-мажор.




**ДАР ЁД ДОРЕД!**

Пеш аз имзо намудани шартномаи қарзӣ Шумо бояд боварии комил дошта бошед, ки ҳамаи шартҳои он ба шумо фаҳмо аст ва Шумо аз иҷрои пардохти қарз баромада метавонед (қарзи асосӣ ва фоизи он). Дар сурати имзо намудани шартномаи қарзӣ, Шумо ба ҳамаи шартҳои он розӣ мешавед ва барои иҷрои он ӯҳдадор мегардед.

Бо вуҷуди ин, баъд аз имзо шудани шартномаи қарзӣ ҳам, то давраи гирифтани маблағи пулӣ, қарзгиранда ҳуқуқ дорад ва метавонад аз гирифтани қарз даст кашад.

## ҚАРЗГИРАНДА ЧИҲОРО БОЯД ДОНАД:

**То гирифтани қарз бояд:**

• ба кадом мақсад истифода бурдани қарзро донад;
• талаботи қарздиҳии дигар ташкилотҳои қарзиро омӯзад;
• ба меъёри фоизӣ ва меъёри самараноки фоизӣ таваҷҷуҳ намояд;
• ба арзиши пурраи қарз диққат диҳад, зеро тамоми хароҷоте, ки муштарӣ барои гирифтани қарз сарф мекунад, дар он дохил мегардад.
• имкониятҳои худро ҷиҳати баргардонидани қарз баҳогузорӣ намояд;
• барои ҳамкорӣ ташкилоти мувофиқро ҷустуҷӯ намояд.

**Ҳангоми гирифтани қарз:**

- шартномаи қарзӣ ва ҷадвали пардохтро бояд пурра омӯзад;
- арзиши пурраи қарзро бояд донад (маблағи қарзи асосӣ, фоизи он ва ҳаққи хизматрасонӣ);

**Баъд аз гирифтани қарз:**

- сариваќт ворид/пардохт намудани маблағ муҳим аст;
- расид (квитанция)-и пардохтро бояд нигаҳ дорад;
- соҳиби таърихи хуби қарзӣ бошад.

**Барои маълумот:**

Таърихи қарзӣ – маълумот дар бораи қарзгиранда аст, ки иҷроиши ӯҳдадорӣ оиди баргардонидани қарзро нишон медиҳад.

- қарзро мақсаднок бояд истифода барад!
- аз номи худ барои шахси дигар қарз нагирад!
- амволи худро барои қарзи шахси дигар ба гарав нагузорад!




**ДАР ХОТИР ДОРЕД!**

Дар ҳолати иҷро накардани талаботи шартномаи қарзӣ, бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ метавонанд моли ба гарав гузошташударо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯёнанд (аз ҷумла, молу мулки ғайриманқул, хонаи истиқоматӣ ва ғайраро).